Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №42 (2869) | ПАНҶШАНБЕ, 12 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# ЛОИҲАИ КОДЕКСИ АНДОЗ ДАР ТАҲРИРИ НАВ ТАҶДИДИ НАЗАР ШАВАД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи нӯҳуми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

*ш.Душанбе, 10 апрели соли 2012*

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯзаи Шӯро якчанд масъалаҳои муҳими рушди фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд, ки татбиқи босамари онҳо, дар маҷмӯъ, барои тақвият бахшидани раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ такон хоҳад бахшид.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки имрӯз мавриди баррасӣ қарор дода шуд, ҷараёни таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мебошад, ки вобаста ба мавзӯи мазкур ахбори раиси Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав, намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд шунида шуданд.

Мавриди зикр аст, ки ислоҳоти низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он, махсусан таҳияи лоиҳаи Кодекси андози нав, яке аз афзалиятҳои муҳими Ҳукумати Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар Паёми охирини худ ба Маҷлиси Олии мамлакат иброз намуда будам, ки ҷиҳати афзоиши қисми даромади буҷети давлатӣ бо роҳи ҳавасманд намудани андозсупорандагон ва андозбандии пурраи онҳо ислоҳот дар бахши андоз вобаста ба ҳар чӣ содда намудани низоми андозбандӣ ва кам кардани шумораи андозҳо тавассути муносиб сохтани миқдори умумии онҳо ҷиддӣ идома дода шавад.

Ҳарчанд дар лоиҳаи нави Кодекси андоз кам гардидани шумораи умумии андозҳо ба назар гирифта шуда бошад ҳам, вале аз назари бахши хусусӣ, дар маҷмӯъ, лоиҳаи Кодекси пешниҳодшуда барои андозсупорандагон мураккаб боқӣ мондааст, ки ин ба ҳадафҳои ислоҳоти пешниҳодгардида ҷавобгӯй нест. Инчунин ба ақидаи баъзе аз мутахассисон дар лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз ҳавасмандкунии соҳибкорон то ҳол заиф аст. Шумораи умумии андозҳо кам шуда бошанд ҳам, вале вазни қиёсии онҳо бетағйир мондааст.

Бори дигар таъкид менамоям, ки воридшавии маблағҳоро ба буҷети давлатӣ на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёри андозҳо, балки аз ҳисоби зиёд кардани шумораи андозсупорандагон, яъне соҳибкорон, васеъ кардани сарчашмаҳои андозбандӣ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкорӣ, таъмини сатҳи баланди иҷрои ӯҳдадориҳои андозӣ ва коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ зиёд кардан лозим аст. Мувофиқан коҳиш додани хароҷоти чорабиниҳои каммаҳсул дар буҷети давлатӣ низ ба манфиати кор аст. Инчунин зарур аст, ки манбаъҳои пӯшонидани қисми эҳтимолии камомади буҷети давлатӣ, бинобар сабаби амалӣ намудани ислоҳоти низоми андозбандӣ, муайян карда шаванд.

Аз рӯйи муроҷиатҳои соҳибкорон ва созмонҳои соҳибкорӣ маълум гардид, ки андешаву пешниҳодоти сершумори онҳо ва дигар андозсупорандагон ба таври лозимӣ омӯхта, ба назар гирифта нашудаанд. Инчунин бо мақсади таъмини рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ҷумҳурӣ, таклифу пешниҳодоти асосноки вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, кишоварзӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳангоми такмилдиҳии лоиҳа ба инобат гирифта шаванд.

Аз назари соҳибкорон дар лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз масъалаи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор низ ба таври шаффоф инъикос нагардида, ба кормандони мақомоти андоз ҳуқуқҳои аз ҳад зиёд пешниҳод шудааст. Таъкид менамоям, ки санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла соҳибкорон танҳо барои пайдо намудани камбудӣ ва ҷазо додани соҳибкор нест, балки намояндаи мақомоти андоз бояд бо соҳибкор корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намояд, зеро ин барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии соҳибкорон мусоидат хоҳад кард.

Умуман, низоми андозбандӣ бояд чунин ба роҳ монда шавад, ки аз як тараф давлат ва ҷомеаро бо захираҳои молиявӣ таъмин намояд ва аз ҷониби дигар ташаббусҳои фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд намояд. Аз ин лиҳоз, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андозро бори дигар таҷдиди назар карда, таклифу пешниҳодоти соҳибкорон, сармоягузорон, вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар андозсупорандагонро ҳангоми такмили он ба инобат гирад.

Бо назардошти он ки лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав аз ҷониби Комиссия ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст ва шояд дар ин шакл ҳамаи тарафҳоро қаноатманд карда натавонад, ман зарур мешуморам, ки ин лоиҳа аз ҷониби гурӯҳи мустақили мутахассисон, аз ҷумла мутахассисони ҷалбгардидаи хориҷӣ, мавриди ташхис қарор дода, вобаста ба ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии он ба буҷети давлатӣ, фаъолияти иқтисодии бахши хусусӣ ва суботи иҷтимоии аҳолии мамлакат дар қиёс бо Кодекси амалкунандаи андоз дар мӯҳлати се моҳ хулоса таҳия карда шавад.

**Мӯҳтарам аъзои Шӯро ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар марҳилаи нави рушди иқтисоди Тоҷикистон бахшҳои давлатию хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар татбиқи афзалиятҳои муайянкардаи Ҳукумати мамлакат ширкати фаъолона намоянд.

Тавре ки дар ҷаласаҳои қаблии Шӯро оид ба ташкили муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ тавсия дода будам, имрӯз шӯроҳои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсис дода шудаанд. Вобаста ба ин, чанд лаҳза пештар ахбори раиси Шӯрои минтақавии вилояти Хатлон оид ба фаъолияти Шӯро шунида шуд.

Бояд иқрор шуд, ки вазъи имрӯзаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои сармоягузорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон, на чандон ҷавобгӯи талабот аст, ҳарчанд ки дар вилоят имкониятҳо зиёд мебошанд. Соҳибкорон ҳанӯз ҳам ба мушкилоти сунъӣ ва бюрократӣ рӯй ба рӯй мешаванд, ки ин аз як тараф бояду шояд иҷро нагардидани қонунҳо аз ҷониби масъулони давлатӣ дар минтақаҳо бошад, аз тарафи дигар аз нокифоя будани донишҳои ҳуқуқиву иқтисодии соҳибкорон шаҳодат медиҳад.

Дар ин замина, соҳибкорон дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди вилоят фаъолияти пурсамар дошта бошанд ҳам, имкониятҳои онҳо пурра истифода намешаванд. Масалан, соҳаи асосии иқтисодиёти вилояти Хатлон кишоварзӣ буда, яке аз маҳсулоти асосии он пахта аст, вале пахтаи дар вилоят истеҳсолшуда қариб пурра дар намуди ашёи хом содир мешавад. Ҳамчунин имкониятҳои соҳибкорон дар соҳаҳои саноат, таъсиси корхонаҳои хурду миёна, рушди сайёҳӣ низ ба таври зарурӣ истифода бурда намешавад, ҳарчанд ки дар вилоят имкониятҳои васеи таъсиси корхонаҳо дар бахшҳои зикргардида мавҷуд аст.

Дар ноҳияҳои вилоят вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дастгирии ташаббусҳои соҳибкорон диққати зарурӣ дода намешавад. Ҳарчанд ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти пурсамари роҳбарони ноҳияҳо – ин таъсиси корхонаҳо ва таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ мебошад, ташаббускорӣ дар ин самт кам ба назар мерасад.

Дар ин радиф, ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барои таъсиси корхонаҳои хурду миёна дар қаламрави вилоят, хусусан минтақаҳои дурдасту кӯҳии он, дар соҳаҳои саноат, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла коркарди нахи пахта ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, чорводорӣ ва паррандапарварӣ, бахши сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт нақша-чорабиниҳои мушаххас таҳия намуда, афзоиши назарраси таъсиси корхонаҳои саноатӣ дар вилоят таъмин карда шавад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Тавре ба ҳамагон маълум аст, яке аз роҳҳои ҳавасандгардонии ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ, воридоти технологияи муосир, ташкили ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва рушди заминаи содиротӣ – ин таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба шумор меравад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз шаклҳои самараноки ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ дар кишварҳои тараққикарда ва рӯй ба тараққӣ ба шумор рафта, имконият медиҳанд, ки минтақаи алоҳида дар натиҷаи ҷалби сармояи хориҷӣ ва технологияи муосир рушди босуръат намояд. Айни замон, дар вилоят ду минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Данғара» ташкил шудааст, вале, бинобар сабабҳои фароҳам наовардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо, аз ҷумла мавҷуд набудани инфрасохтори зарурӣ, то ҳол дар ин минтақаҳо ягон корхонаи истеҳсолӣ таъсис дода нашудааст.

Аз ин лиҳоз, ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва бо ҷалби шарикони рушди Тоҷикистон вазъи кунунии минтақаҳои озоди иқтисодиии «Панҷ» ва «Данғара»-ро пурра таҳлил намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо, аз ҷумла рушди савдои байнисарҳадӣ, чораҳои муассир андешад ва аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ахбор диҳад.

Таъсис ва фаъолияти сохторҳои дастгирии соҳибкорӣ дар вилоят дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар риштаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ курсҳои бозомӯзӣ ташкил намуда, ба аҳолӣ оид ба ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ маълумоти муфассал пешниҳод намоянд.

Ин имконият медиҳад, ки соҳибкорон то андозае донишҳои зарурӣро аз худ намуда, аз як тараф фаъолияти хоҷагидории худро васеъ намоянд ва аз тарафи дигар ҳуқуқҳои худро ҳимоя карда тавонанд.

Дар ин робита, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута, соҳибкорон, муассисаҳои олии таълимоти касбӣ ва шарикони рушди Тоҷикистон оид ба тақвият додани иқтидори техникиву кадрии соҳибкорон, ташкили марказҳои бозомӯзии соҳибкорон ва ба роҳ мондани фаъолияти самараноки онҳо чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷааш ба Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҳар шашмоҳа ахбор пешниҳод намоянд.

Бояд таъкид намоям, ки ҳадафи асосии ташкили шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ баррасӣ намудани пешниҳодоти соҳибкорон вобаста ба бартараф намудани монеаҳои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ мебошад.

(Идома дар саҳ. 2)

● Муҳокимаи парлумонӣ

# ВАКИЛОНИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН БА ОЯНДАИ ҶАВОНОН БЕТАРАФ НЕСТАНД

(Идома аз шумораи гузашта)

**РАИСИКУНАНДА:** Ҳоло сухан ба раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшо Неъматов дода мешавад. Марҳамат.



**Маликшо НЕЪМАТОВ:- Мӯҳтарам Мирганд Шабозович, мӯҳтарам Раёсат ва вакилони мардумӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Пеш аз ҳама мехостам барои таваҷҷуҳи хосаатон ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намоям.

Тавре маълум аст, ҷавонон ҳамчун неруи созанда ва пешбарандаи ҷомеа эътироф гаштаанд, зеро сатҳи тараққиёт ва нуфузи ҳар кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва ихтисосу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

Дар ин замина нақш ва иштироки ҷавонон дар сиёсат, инкишофи ҷомеа, таҳкими заминаҳои бунёдии давлати иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанг, назаррас гардида, ба ин васила фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва ташаккули озодона барои ҳар як инсон аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати давлату ҳукумат нисбат ба ҷавонон вобастагӣ дорад.

Мутобиқи маълумоти расмии оморӣ, аз шумораи умумии аҳолии Тоҷикистон 2632100 (ду миллиону шашсаду сию ду ҳазору сад) нафарро ҷавонони синни аз 14 то 30 -сола, аз он ҷумла 1330100 (як миллиону сесаду сӣ ҳазору сад) нафар писарон ва 1302000 (як миллиону сесаду ду ҳазор) нафар бонувон ташкил медиҳанд.

Мусаллам аст, ки таваҷҷуҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин қишри ҷомеа рӯз аз рӯз зиёд мегардад, зеро дар замони бархӯрди тамаддунҳо ва муқовимат ба даъвату тазодҳои ҷаҳони муосир, насли ҷавон ягона василаи устувор ва сарватест, ки метавонад дар ин раванд ба муваффақият ноил гардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолият қарор дода, сиёсати давлатиро нисбат ба масъалаҳои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ, сатҳи маърифату донишандӯзӣ, такомули малакаи ҷавонон дар доираи барномаҳои миёнамӯҳлати давлатӣ татбиқ менамояд.

Дар Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани муҳит ва шароити мусоид барои рушду камоли ҳамаҷонибаи ҷавонон ҳанӯз дар солҳои нахустини истиқлолият (соли 1992) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардида буд.

Вобаста ба тақозои замон, соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав, соли 2006 Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2011 Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 қабул гардид. Дар заминаи ин санадҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста барномаҳои миёнамӯҳлат, аз ҷумла Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон ва Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро давра ба давра қабул ва амалӣ менамояд, ки барои ҳалли масъалаҳои марбут ба ҷавонон шароити мусоид фароҳам оварданд.

Дар баробари ин санадҳои соҳавӣ як қатор қонунҳо, консепсия ва барномаҳо дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ қабул ва амалӣ мегарданд, ки бевосита ва ё бавосита барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат менамоянд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мисоли равшани ин гуфтаҳо мебошад.

Тадбирҳои дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бунёди ташкилоту корхонаҳои гуногун ва дар ин замина таъсиси на кам аз 100000 ҷойи нави кор ҳар сол, сохтмони муассисаҳои таълимӣ танҳо дар се соли охир зиёда аз 500 адад, ҳамасола ҷудо гардидани қитъаи замин ба ҷавонон барои сохтмони манзили истиқоматӣ (18998 гектар дар соли 2010 ва 5677 гектар дар соли 2011), ки ба ҳисоби миёна дар ду соли охир зиёда аз 150000 оилаҳои ҷавон бо заминҳо барои сохтмони манзил таъмин гардиданд, таъсиси стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, квотаҳо ба муассисаҳои олӣ барои ҷавонон аз минтақаҳои дурдаст, таъсиси Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ, ташкили равзанаи ягонаи бақайдгирӣ барои рушди соҳибкорӣ ва дар таҳрири нав баррасӣ гардидани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Мулоқотҳои пайвастаи Сарвари давлат бо намояндагони ҷавонон дар сатҳи ҷумҳурӣ ва дар доираи сафарҳои корӣ ба минтақаҳои кишвар бори дигар аз таваҷҷуҳи хосаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба фаъолияти сохторҳои гуногуни ҳукумативу ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад ва аз ин фурсати муносиб истифода бурда, мехостам ба тамоми вазорату идораҳо, аз ҷумла вазоратҳои маориф, фарҳанг, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, адлия, молия, мудофиа, корҳои дохилӣ, рушди иқтисод ва савдо, корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои мусоидат ва ҳамкориҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи нақшаҳои муштараки байниидоравӣ миннатдорӣ баён намоям.

Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти давлатии ваколатдор бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009 таҳти №372 «Дар бораи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» барои солҳои 2010-2012» дар солҳои 2010-2011 тадбирҳои зарурӣ андешид.

Тавре қаблан иброз гардид, асоси ҳуқуқии қабули барномаи мазкурро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ташкил медиҳад.

Зарурати ба тасвиб расонидани чунин як барномаи маҷмӯӣ барои ҷавонон тақозои ҷомеаи муосир буда, дар шароити гузариш ва раванди инкишофи кишвар барномаи мазкур бахри устуворӣ ва ояндаи миллату давлат заминаи муносиб мегузорад. Таҳия ва амалигардонии барнома ба як қатор омилҳо, аз ҷумла ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, демографӣ ва беҳдошти вазъи саломатии ҷавонон, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва инкишофи варзиши оммавӣ, дастгирии ташаббусҳои ҷавонон, дастгирии иҷтимоии ҷавонон ва шуғл вобаста мебошад.

Мақсади асосии Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» аз татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар самти ташаккул ва рушди шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилӣ барои амалӣ намудани имкониятҳои ҷавонон, тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ, рушди саломатӣ ва инкишофи ҷисмонии онҳо иборат мебошад.

Боиси зикр аст, ки Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ҳамчун барномаи миёнамӯҳлати давлатӣ аз соли 1999 инҷониб давоми ҳар се сол таҳия, тасдиқ ва амалӣ гардида, вобаста ба имконияти буҷети давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ маблағгузорӣ мешавад. Бо назардошти он ки барномаи мазкур хусусияти миллӣ дорад, мутобиқи банди 4 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009 таҳти №372 дар заминаи он вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вобаста ба шароит ва имконот барномаҳои маҳаллӣ қабул ва амалӣ менамоянд.

Агар сатҳи маблағгузории барномаро дар солҳои 2010-2011 натиҷагирӣ намоем, барои татбиқи ҳадафҳои барнома дар сатҳи ҷумҳурӣ, бо назардошти бӯҳрони иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ ва имконияти буҷети давлатӣ аз 2635000 (ду миллиону шашсаду сию панҷ ҳазор) сомонии пешбинишуда, 1500000 (як миллиону панҷсад ҳазор) сомонӣ маблағ ҷудо гардид, ки мутаносибан сатҳи иҷро 56,9 фоизро ташкил медиҳад.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ барои иҷрои банди 4 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009 таҳти №372 дар солҳои 2010-2011 дар маҷмӯъ аз 1588003 (як миллиону панҷсаду ҳаштоду ҳашт ҳазору се) сомонӣ маблағи пешбинишуда, дар ҳаҷми 1202562 (як миллиону дусаду ду ҳазору панҷсаду шасту ду) сомонӣ маблағ ҷудо шудааст, ки 75, 72 фоизи маблағи пешбинишударо ташкил медиҳад. Сарфи назар аз ин, сатҳи маблағгузорӣ дар ҳама шаҳру ноҳияҳо баробар нест ва ин боиси нигаронист.

Чунин муносибат ба амалигардонии номукаммали барномаи мазкур боиси паст гардидани сатҳи маърифатнокӣ ва зиёд гардидани омилҳои номатлуб байни ҷавонон мегардад.

Дар доираи татбиқи Барномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» бо мақсади амалӣ намудани бандҳои он ҳамарӯза дар саросари мамлакат чорабиниҳои зиёди таблиғотӣ-ташвиқотӣ, фарҳангӣ, илмию техникӣ ва солимгардонии варзишӣ баргузор мешавад.

Азхудкунии маблағҳои барои татбиқи барномаи мазкур дар ду соли ҳисоботӣ ҷудогардида ва тадбирҳои андешидашуда, вобаста ба самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи ҷумҳурӣ, чунин мебошанд:

-барои ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон-239980 сомонӣ ё 16,0 фоиз;

Бо назардошти он ки яке аз самтҳои фаъолияти кумитаро тарбияи ватандӯстии насли наврас ва ҷавонон ташкил медиҳад, аз ҷониби кумита бо мақсади таблиғи ғояҳои асосии давлати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстиву хештаншиносӣ, таҳкими дастовардҳои истиқлолият ва тақвияти маҳорати ҷисмонии ҷавонон силсилаи чорабиниҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва таблиғотиву ташвиқотӣ, аз ҷумла 18 чорабинии ҷумҳуриявӣ ва зиёда аз 320 чорабинии гуногун дар сатҳи вилоят, шаҳр ва ноҳия баргузор гардид, ки дар онҳо беш аз 300000 (сесад ҳазор) нафар ҷавонон фаро гирифта шуда, дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию сиёсии ҷавонон судманд буданд.

-тарғиби тарзи ҳаёти солим, таъмини саломатии ҷавонон ва инкишофи намудҳои оммавии варзишу туризм- 240710 сомонӣ ё 16,05 фоиз;

Инкишофи маънавию ҷисмонии ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб рафта, дар ин самт зиёда аз 60 семинар- машварат, чорабинии иттилоотӣ ва амалӣ бо иштироки 50000 нафар наврасону ҷавонон доир шуд, ки ҷиҳати аз омилҳои номатлуби иҷтимоӣ раҳонидани ҷавонон ва солимии онҳо, омӯзиши диёр ва тарғиби туризм манфиатбахш буд.

Баҳри ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим ва пешгирии падидаҳои номатлуб дар 51 шаҳру ноҳияҳои интихобӣ маҳфилҳои ихтиёрони ҷавон иборат аз 1500 ихтиёриён ва 170 тренерон омода гардиданд, ки мунтазам умури фаҳмондадиҳиро миёни ҷавонони деҳот оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим аз рӯйи принсипи «Ҳамсол ба ҳамсол» пеш мебаранд.

Инчунин бо мақсади пешгирии омилҳои номатлуби иҷтимоӣ миёни ноболиғону ҷавонон, аз қабили ҷинояткорӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ, хариду фурӯши одамон, худкушӣ нақшаи муштарак миёни вазоратҳои корҳои дохилӣ, маориф, фарҳанг ва кумитаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин ба тасвиб расид.

-дастгирии ташаббусҳои ҷавонон ва лоиҳаҳои ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон -205360 сомонӣ (13,69 фоиз);

Баҳри дастгирии ташаббуси ҷавонон ва ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии ташкилотҳои ҷамъиятии онҳо, бо воситаҳои ахбори умум ташкил намудани барномаҳои маърифатӣ, таълимӣ ва тарбиявие, ки ҷараёни ба ҳаёти иҷтимоӣ мутобиқшавии ҷавононро сабук менамоянд, дар ин самт зиёда аз 150 чорабинӣ бо фарогирии 37000 ҷавонон доир гардиданд.

-мусоидат дар таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла шуғл ва рушди соҳибкорӣ байни ҷавонон-217320 сомонӣ (14,49 фоиз);

Барои иҷрои ин банди барнома тадбирҳо, аз қабили дастгирии лоиҳаҳои иқтисодию иҷтимоии сохторҳои маҳаллӣ, ки мустақилияти иқтисодии ҷавононро таъмин менамояд, аз ҷумла чорабиниҳо барои дастгирии ташкилотҳои махсусгардонидашудаи ҷавонон дар самти ташаккули малакаи соҳибкорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои ҷавонон, васеъ намудани доираи хизматрасонии таълимӣ, машваратӣ, иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ ба оилаҳои ҷавон, баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои холӣ ва дар ин замина бо ҷойи кор таъмин намудани ҷавонон дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ, инчунин муҳайё намудани шароити омӯзишӣ барои онҳо андешида шуданд.

Инчунин барои таъмини шароити мусоид дар Маркази имкониятҳои ҷавонони ноҳияи Данғара, Маркази имкониятҳои ҷавонони Чоркӯҳи шаҳри Исфара ва Маркази имкониятҳои ҷавонони ноҳияи Ҳисор дар самти омӯзиши донишҳои технологияи иттилоотӣ, забономӯзӣ ва омӯзиши санъати дӯзандагӣ ба ҷавонон хизмат мерасонанд.

-таҳсилот, такмили ихтисос, тайёр намудани кадрҳо ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд - 333080 сомонӣ (22,20 фоиз);

(Идома дар саҳ. 2)

● Экология



# ИҚДОМҲО ЗИЁДАНД, ВАЛЕ НОКИФОЯ

Даҳуми апрели соли ҷорӣ ҷаласаи навбатии Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Раиси комиссияи фавқуззикр Рустам Латипов зимни сухани ифтитоҳиаш иброз дошт, ки ба рӯзномаи ҷаласа ду масъала-«Фаъолияти КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» оид ба ҳамкориҳо бо сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои экологии корхона» ва «Дар бораи рафти иҷрои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» дар бахши таъмини суботи экологӣ ворид шудааст.

Роҷеъ ба масъалаи аввали рӯзнома узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ ва экология Маҳмадшариф Ҳақдодов ва сардори мудирияти КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» оид ба ҳифзи меҳнат, экология ва сифат У. Ҳайдаров суханронӣ намуданд. Маълум гардид, ки Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати Алюминийи Тоҷик» бо бисёр сохторҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаи фаъолияташ ҳамкорӣ дорад. Аз ҷумла бобати ҳифзи муҳити зист корхона бо Комиссияи муваққатии экологии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии тибби пешгирикунанда ва Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ ҳамкорӣ менамояд. Ҳамкорӣ бо сохторҳои номбурда масъалаҳои экологии зеринро дар бар мегирад:

- гузаронидани ташхисҳои ҳолати муҳити зист дар дохил ва атрофи корхона;
- санҷиши кори фоиданоки таҷҳизоти газтозакунӣ;
- санҷиши мутобиқати фаъолияти корхона ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва саломатии одамон;
- пешниҳод намудани ҳисобот дар бораи корҳои иҷрошуда оид ба ҳифзи муҳити зист;
- мониторинг оид ба муайян намудани миқдори моддаҳои зарарнок дар муҳити ҷойҳои кори коргарон, ҳаво, об ва хоки мавзеъҳои аҳолинишини атрофи корхона, маводи ғизоии одамон ва ҳайвонот, ки дар заминҳои атрофи корхона истеҳсол мешаванд ва ҳамчунин миқдори ин моддаҳо дар организми коргарони корхона, аҳолӣ ва ҳайвонот;
- коркарди такрории партовҳои истеҳсолӣ;
- тайёр ва пешниҳод намудани лоиҳаҳо оид ба механизми рушди тоза;
- корҳои фаҳмондадиҳӣ, иттилоотӣ ва ташвиқу тарғиб дар бораи чорабиниҳои иҷрошуда дар самти ҳифзи муҳити зист.

КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ҳамчунин бо якчанд ширкати хориҷӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ҳамкорӣ мекунад. Аз ҷумла:

- бо ширкати «ГИДРО алюминиум»-и давлати Норвегия оид ба азнавсозии таҷҳизоти газтозакунӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;
- бо ҷамъияти мутахассисони техникӣ ва илмии давлати Норвегия оид ба гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ бо муҳандисони корхона дар мавзӯъҳои вобаста ба ҳифзи муҳити зист;
-бо ширкати «Роҷан Санат Алборз»- и Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба нобуд сохтани конденсаторҳо ва равғанҳои аз истифода баромадае, ки дар таркиби худ моддаҳои ПХД доранд;
-бо ширкати СҶС Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба гирифтани сертификати низоми ҳамгиройии менеҷмент.

Дар баррасии масъалаи мазкур вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Шабдолов, М.Назриев, М.Кабиров ва раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Салимов фаъолона ширкат варзиданд. Зикр гардид, ки бо вуҷуди ба сомон расонидани кори зиёд дар ин самт аз ҷониби корхонаи фавқуззикр зарур аст, ки ин раванд минбаъд низ вусъат ёбад.

Масъалаи дуюми рӯзномаро саравҷал Рустам Латипов, сипас вазири рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ Ш. Раҳимзода ва раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Салимов шарҳ доданд. Маълум шуд, ки дар баробари барзиёд иҷро намудани баъзе нишондодҳо, хусусан оид ба афзоиши майдони заминҳои ҷангалпӯш ва масоҳати ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ташкил ва барқароркунии бунгоҳҳои мониторинги экологӣ, фаъолияти хуби қонунэҷодкунӣ ва маърифатнокии аҳолӣ, ҳамзамон як қатор тадбирҳои банақшагирифта аз madди назар дур мондаанд.

Чунончӣ, то имрӯз корҳои барқарорсозӣ дар партовгоҳҳои захрхимикати ноҳияи Вахш ва шаҳри Конибодом ба роҳ монда нашудаанд. Сабаби асосӣ, бино ба гуфти масъулин, аз тарафи мақомоти дахлдор ҷудо нашудани маблағ аст. Татбиқи банди дигар дар хусуси таҳияи дастурамал оид ба инвентаризатсияи партовҳои хатарнок ҷавобгӯйи талабот нест.

Таъкид гардид, ки бо вуҷуди амалӣ гардидани иқдомоти зиёд дар робита ба масъалаҳои мавриди баррасӣ онҳо нокифояанд. Бинобар ин, масъулин ва сохторҳои марбутаро мебояд фаъолияташонро дар ин ҷода дар заминаи истифодаи самараноки имконоти мавҷуда густариш бахшанд.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум».*
*Суратгир А.ИСОЕВ*

# Табиат рангу таровати тоза мегирад

## Мусоҳиба бо сардори шӯъбаи назорати истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвоноти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷабалӣ Шарипов

**-Баҳор айёми шукуфтаниҳо, сарсабзиҳо буда, табиат қабои сабзу гулгун ба бар мекунад. Ҳамаи ин таҳаввулоти рангини табиат боиси хушҳолии мо-инсонҳо мегардад. Аз ин хотир бояд шукр бигӯем ва ҳамзамон фаромӯш насозем, ки мо барои ҳифзи олами набототу ҳайвонот ӯҳдадор ҳастем…**

-Шумо дуруст таъкид кардед, ки мо, одамон, дар баробари баҳрабардорӣ аз табиати биҳиштосои диёрамон, бояд дар ҳифзу истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, олами набототу ҳайвонот саъй намоем. Шӯъбае, ки ман сарварии онро ба ӯҳда дорам, ҷузъи таркибии кумита буда, оид ба истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот назорати давлатиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ пеш мебарад. Фаъолияти шӯъба асосан ба таъмини сиёсати ягона оид ба истифода ва ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва захираҳои моҳӣ, назорати фаъолияти мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, паркҳои миллӣ ва дигар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, хоҷагиҳои ҷангал ва шикор, хоҷагиҳои моҳипарварӣ, ширкатҳои шикорӣ, инкишоф ва барқарорсозии комплексҳои табиӣ, баррасии дархостҳо барои истифодаи захираҳои биологии олами набототу ҳайвонот тибқи додани иҷозатномаҳо ва иҷозатҳо, таклифу пешниҳодҳо дар бораи ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид намудан ё аз он баровардани намудҳои алоҳидаи ҳайвонот, наботот ва захираҳои моҳӣ ва ғайра равона шудааст.

Яке аз самтҳои асосии кори мо назорат ва истифодаи оқилонаи олами наботот мебошад. Давоми соли 2011 нозирони шӯъба дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ваҳдат, Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, Варзоб ва як қатор ноҳияҳои вилояти Хатлон бо иштироки милитсияи экологӣ санҷишҳои фаврӣ гузаронида, як қатор қонуншиканиҳоро ошкор намуданд. Чунончӣ, нисбат ба сардори қитъаи кабудизоркунии ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт А. Абдуллоев, ки ба хушкшавии 195 адад ниҳоли дарахтони сӯзанбарг дар хиёбони Ҳофизи Шерозӣ роҳ додааст, парвандаи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 20475 сомонӣ зарар ҳисоб ва барои чораҷӯйӣ ба Суди иқтисодии шаҳри Душанбе пешниҳод гардид. Барои буриши ғайриқонунии 12 адад дарахт нисбати роҳбари хоҷагии деҳқонии «Деҳқонобод»-и ноҳияи Ҷиликӯл З. Ҳазратқулов парвандаи маъмурӣ тартиб дода шуда, барои чораҷӯйӣ ба суди ноҳия пешниҳод гардид. Тибқи ҳалномаи судӣ, маблағи товони зарар 3255 сомонӣ муайян ва пурра ситонида шуд.

**-Имсол зимистон тӯлонӣ ва сербориш буд. Табиист, ки ин ба олами набототу ҳайвонот бетаъсир набуд.**

-Дар ҳақиқат, зимистони имсола сербориш буд ва дуру дароз идома ёфт. Бинобар ин, бо мақсади таъмини ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандагон бо хӯрока ва беталаф баровардани онҳо аз зимистон, тибқи қарори ҳайати мушовара аз 10 январи соли 2012 таҳти №1/1 Амалиёти умумиҷумҳуриявии «Ҳифзи ҳайвоноти ваҳшӣ» эълон гардид ва тамоми сохторҳои зертобеи кумита вазифадор шуданд, ки фаъолияташонро дар самти гузаронидани чорабиниҳои иловагии биотехникӣ ҷоннок намуда, барои беталаф баровардани ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандагон аз зимистон тадбирҳои зарурӣ андешанд. Дар робита аз ҷониби кормандони муассисаву ташкилотҳои тобеи кумита ба мавзеъҳои сукунати ҳайвоноту паррандагон ба миқдори зарурӣ гандум, ҷав, хошоки дурушт, кунҷола ва дигар маводи ғизоӣ бурда шуд.

**-Кишварамон захираи фаровони гулу гиёҳҳои шифобахш дорад. Барои муҳофизат ва истифодаи дурусти онҳо кадом тадбирҳо андешида мешавад?**

-Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 6000-6500 навъи растаниҳо мавҷуд аст ва зиёда аз 70 намуди онро мақомоти тандурустӣ ҳамчун гиёҳҳои шифобахш барои коркард ва истифода ба сифати маводи доруворӣ тавсия намудаанд. Имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ қариб 30 намуди онҳо ҳамчун маводи доруворӣ табобатӣ ҷамъоварӣ мешаванд.

Солҳои охир талаботи корхонаҳои дорусозӣ ба гиёҳҳои худрӯйи шифобахш зиёд гардидааст, вале, бинобар пурра ба роҳ монда нашудани парвариш ва коркард, ҷамъоварии онҳо хеле кам мебошад.

Соли 2011 аз тарафи хоҷагиҳои ҷангал ба миқдори 150,1 тонна чукрию сиёҳалаф, 18,9 тонна гиёҳҳои шифобахш, аз қабили чойкаҳак, бобуна, пудинаи кӯҳӣ, ҳазориспанд, тахач, кокутӣ, зелол, зира ва ғайра, 39,5 тонна хуч, 13,5 тонна пиёзи анзур ва аз тарафи ширкатҳои «Фароз», «Сарчашмаи ҷавонии Сайёр» 167,5 тонна шираи растании камоли бадбӯй ва 1206 тонна решаи ширинбия ҷамъоварӣ шудааст.

**-Бо фарорасии баҳор мавсими чукрию торон, сиёҳалафу дигар алафҳои шифобахши худрӯй оғоз меёбад. Мутаассифона, ҳар сол дар бозорҳо қимати онҳо хеле баланд аст. Оё шумо наметавонед ҳамин корро зери назорат гиред ва ба танзими он мусоидат намоед?**

-Дар ин бобат роҳбарону мутахассисони хоҷагиҳои ҷангал бояд масъулияти калон дошта бошанд, то ин ки пеш аз ҳама зимни ҷамъоварии алафҳои зикргардида ба талафи онҳо роҳ дода нашавад, зеро бисёриҳо ҳангоми ҷамъоварии чукрӣ, сиёҳалаф, торон ва ғайра онҳоро решакан менамоянд. Сабаби қиматшавии ин навъи маҳсулот низ аз даст ба даст гузаштани он ва беинсофии баъзе фурӯшандагон мебошад. Шӯъба бо мақсади пешгирӣ намудани хатари нестшавии гиёҳҳои шифобахш, хӯрданибоб ва доруворӣ корҳои фаҳмондадиҳиро оид ба гузаронидани кишт, риояи меъёр ва тартиби ҷамъоварӣ ба роҳ монда, мунтазам санҷишҳои фаврӣ мегузаронад. Чунончӣ, ҳамасола ба Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикор меъёри ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш ва хӯрданибобро муайян менамояд, инчунин имкониятҳои захираҳои растании камоли бадбӯй ва решаи ширинбияро ба инобат гирифта, барои ҷамъоварӣ ба истифодабарандагон хулоса медиҳад.

**-Фаъолият дар самти назорат ва истифодаи олами ҳайвонот, назорат ва ҳифзи захираҳои моҳӣ чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?**

-Мутахассисони шӯъба мунтазам фаъолияти раёсат ва шӯъбаҳои ҳифзи муҳити зисти шаҳру ноҳияҳои вилоятҳоро дар самти ҳифзи олами ҳайвонот мавриди санҷиш қарор медиҳанд. Мутаассифона, дар ин самт шӯъбаҳои ҳифзи муҳити зисти шаҳру ноҳияҳои Ашт, Айнӣ, Қайроққум, Ғончӣ, Кӯҳистони Масчоҳ ва Ҷ. Расулови вилояти Суғд, баъзе ноҳияҳои минтақаи Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Восеъ ва Шӯрообода вилояти Хатлон, ноҳияҳои Дарвоз, Рошткалъа, Шуғнон ва Рӯшони ВМКБ, ноҳияҳои Шаҳринав, Рӯдакӣ, Файзобод, Роғун, Тавилдара, Нуробод, Тоҷикобод ва Ҷиргатол фаъолияташонро суст ба роҳ мондаанд, ки ин боиси зиёд гардидани қонуншиканиҳо гардидааст. Чунончӣ, дар ноҳияи Мурғоб шикори ғайриқонунии 5 сар гӯсфанди кӯҳии Архар, ки аз тарафи кормандони ҳифзи ҳуқуқ Хӯҷаназар Урозбеков, Қурбонбой Ҳайдаров, Маҳмуд Бадиров, Батирбек Абдуалимов ва Канибек Одинаев содир шуда буд, ошкор гардида, нисбати онҳо парвандаи маъмурӣ тартиб дода, ба прокуратураи ноҳия пешниҳод ва тибқи ҳалномаи судӣ нисбат ба қонуншиканон маблағи калони товони зарар муайян карда шуд.

Дар поёни сӯҳбат таманнои онро дорам, ки ҳамватанони азизамон ба қадри неъматҳои Худододи кишварамон бирасанду шукргузор бошанд ва дар кори ҳифзи олами набототу ҳайвонот саҳм гузоранд.

*Мусоҳиб Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

# Тадбирҳо баҳри пешгирӣ аз офат

**10 апрели соли 2012 таҳти раёсати Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷаласаи нахустини Ситоди шаҳрӣ оид ба омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва пешгирӣ аз эҳтимолияти оқибатҳои офатҳои табиӣ, селборишҳои мавсими баҳорӣ дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.**

Дар кори ҷаласа намояндагони масъули Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон- соҳибтавозуни 43 км каналҳои марзгузари шаҳри Душанбе, сардорони Ситоди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, раисони ноҳияҳо ва комиссияҳои марбутаи Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, роҳбарони сохторҳои дахлдори шаҳрӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Маҳмадсаид Убайдуллоев бори дигар аъзои Ситодро бо хулосаи санҷишҳои анҷомдодаи комиссияҳо оид ба ҳолати каналу селпартоҳо ва дигар иншооти ирригатсионии аз марзи шаҳр убуркунанда шинос намуда, вобаста аз нуқтаҳои осебпазири зикрёфта ба масъулини субъектҳои соҳибтавозун барои рафъи онҳо бо муқаррарсозии мӯҳлат дастуру супоришоти мушаххас дод.

Ҳамзамон таъкид сохт, ки раисони ноҳияҳо ва Муассисаи давлатии «Раёсати обёрӣ»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе» - соҳибтавозуни 69,6 км каналу селпартоҳо бе ягон саҳлангорӣ дар ҳамкорӣ бо шахсони воқеиву ҳуқуқии аз ҳудуди иншоотҳояшон каналу селпартоҳо убуркунанда барои дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ доштани онҳо тадбирҳои воқеӣ андешанд.

Ба сардорони Ситоди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он якҷоя бо дигар сохторҳои марбута дастур дода шуд, ки ҳолати иншооту манзилҳои истиқоматии дар қисмати доманаҳои осебпазири шаҳр ҷойгирбударо мавриди ташхис қарор дода, аз натиҷаи он ба раиси шаҳр пешниҳод манзур созанд.

Дар ин равобит раисони ноҳияҳо мувазззаф шуданд, ки корҳои тарғиботиро бо сокинон бобати тоза нигоҳ доштани каналу селпартоҳои аз ҳудуди маҳаллаҳо убуркунанда тақвият бахшанд ва фаъолияти ситодҳои марбутаи шаҳрию ноҳиявӣ таври шабонарӯзӣ тибқи муқаррароти қарори дахлдори раиси шаҳри Душанбе ба роҳ монда шавад.

*Шавкат САИДОВ,*
*котиби матбуотии раиси шаҳри Душанбе*

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

**Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ишғоли мансаби холии ҳуқуқшинос ОЗМУН эълон менамояд.**

## ТАЛАБОТ БА ДОВТАЛАБОН:

- таҳсилоти олӣ, собиқаи корӣ;
- доштани маълумоти соҳавӣ;
- донистани забони хориҷӣ ва дониши компютерӣ ба эътибор гирифта мешавад.

**Ҳуҷҷатҳои зарурии пешниҳодшаванда:**
- ариза ба комиссияи озмун;
- нусхаи шиноснома;
- варақа (анкета)-и баҳисобгирии кадрҳо;
- 3 дона расм (3х4);
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи собиқаи меҳнатӣ (нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ).

Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: индекс: 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 (ошёнаи 2-юм), тел: 221-73-74, 221-49-87. Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ.

Ҳуҷҷатҳои шахсони аз озмун нагузашта баргардонида мешаванд.

Қабули ҳуҷҷатҳо – то 26 апрели соли 2012.

**Озмун рӯзи 27 апрели соли 2012, соати 10[00] баргузор мегардад.**

# Саъю талош - баҳри ободонию созандагӣ

Дар ноҳияи Ёвон таҳти шиори «200 рӯзи ободонӣ ва бунёдкорию созандагӣ ба ифтихори ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» озмун эълон шуд. Ин чорабинӣ аз 2 апрел то 10 ноябри соли ҷорӣ гузаронида мешавад. Дар ин бора дар маҷлиси фаъолони ноҳия қарор қабул гардид. Иштирокчиёни маҷлис ҳамзамон барои истиқболи сазовори ин санаи таърихӣ ба мардуми ноҳия Муроҷиатнома қабул карданд.

Дар Муроҷиатнома аз ҷумла чунин зикр шудааст: «Бо дастовардҳои бузурги меҳнатӣ, бо корҳои шоёни созандагию бунёдкорӣ истиқбол гирифтани ҳар як ҷашн яке аз хислатҳои наҷиб ва анъанаҳои неки мардуми мост. Аз ин рӯ, хеле зарур аст, ки мо ҷашни муборaки 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо омодагии хуб ва шоиста пешвоз гирифта, ба ифтихори он дар тамоми бахшу соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию маънавӣ кори самарабахшу меҳнати бунёдкоронаро ба хотири ободию гулгулшукуфии Ватани азизамон вусъат диҳем».

Дар робита аз ҳамаи сокинони шаҳраку деҳот, коллективҳои меҳнатӣ, зиёиён, ҷавонон, даъват шудааст, ки барои пешбурди соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, вусъати сохтмони иншооти муҳим, ободу зебо гардонидани маҳаллаю деҳот, хиёбону кӯчаҳо, беҳбуд бахшидан ба вазъи санитарию эпидемиологии маҳаллаҳои аҳолинишин, ҳифзи саломатии мардум, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, дастгирӣ ва расонидани кӯмак ба оилаҳои камбизоату бесарпаноҳ, ятимону бепарасторон, беш аз ҳарвақта кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Барои ғолибони озмуни ноҳиявии «200 рӯзи ободонӣ ва бунёдкорию созандагӣ» ба ифтихори ҷашни 20-солагии ИҷлосияиXVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мукофотҳои пулӣ аз 150 то 5000 сомонӣ муқаррар шудааст.

*Миралӣ ОДИНАЕВ,*
*сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи Ёвон»*

# Сурхоб соҳилҳоро мешӯяд

Рӯзҳои 4-5 апрел сатҳи дарёи Сурхоб дар мавзеи Қиблаии ноҳияи Темурмалик, яъне дар қисмати ҷанубии шаҳраки Совет, аз муқаррарӣ баланд гашта, ҳафт хонаи деҳаи Қиблаиро бо тамом шуста ва хонаҳои қисмати дигари деҳаи мазкурро зарар расонид. Осебдидагон хатари дарёро ҳис намуда, пеш аз хуруҷи он бидуни талафоти ҷонӣ ҳамаи ашёи рӯзгор, дару тиреза ва боми хонаҳои хешро ба ҷойҳои бехавф интиқол доданд. Тавре сардори Ситод оид ба ҳолати фавқулодда ва мудофиаи шаҳрвандии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб Рамазон Неъматов мегӯяд:

- Чанд сол пеш як қисми аҳолии деҳа бе иҷозати махсуси ташкилотҳои масъул ва таъкидҳои пайвастаи онҳо дар мавзеи хатарҷой манзил бунёд намуданд.

Ҳамаи осебдидагони офати мазкур кайҳо дар ҷойҳои бехавф ба қитъаҳои наздиҳавлигӣ таъмин ва қисми дигарашон ба гурӯҳи муҳоҷирони экологӣ ворид шуда буданд, аммо то лаҳзаҳои охирин онҳо бо сабабҳои гуногун манзилҳои худро тарк кардан нахостанд.

Айни ҳол, сарфи назар аз тадбирҳои пешгирикунанда, ба осебдидагон кӯмак расонида истодаем. Ҳамаи онҳо аз ҷониби ситод ва Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар бо хаймаҳо таъмин шуданд.

*Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»*

# Солимии муҳоҷирон - ғамхории кулли ҷомеа

Дар деҳаи Нилӯи деҳоти Хонақоҳи кӯҳии ноҳияи Ҳисор аз ҷониби Созмони ҷамъиятии «Аҳорун» якҷоя бо Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва кормандони Созмони байналмилалии муҳоҷират зери унвони «Солимии муҳоҷирон - ғамхори кулли ҷомеа» чорабинии омӯзишӣ гузаронида шуд.

Созмони ҷамъиятии «Аҳорун» тайи шаш сол аст, ки дар доираи лоиҳаи Созмони байналмилалии муҳоҷират оид ба пешгирии бемории норасоии масунияти бадан дар Тоҷикистон миёни муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мондаанд. Беш аз 40 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо роҷеъ ба бемории норасоии масунияти бадан ва роҳҳои пешгирии он иттилооти зарурӣ пайдо намуданд. Маъракаи иттилоотӣ тавассути корҳои ташвиқотию тарғиботӣ ба оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ташкили намоишномаҳои театрӣ, мизҳои мудаввар ва машваратҳо аз самтҳои асосии фаъолияти аъзои созмони мазкур маҳсуб меёбад.

Тибқи иттилои мутахассисони созмони мазкур, теъдоди онҳое, ки аз машғулиятҳои маркази номбурда истифода бурда, аз санҷиши утоқи хизматрасонӣ гузаштанд, бамаротиб афзудааст.

Қобили зикр аст, ки Созмони ҷамъиятии «Аҳорун» тамоми маъракаву чорабиниҳоро бевосита бо дастгирии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор, шабакаҳои тиббӣ-санитарӣ, Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, Маркази пешгирии бемориҳои норасоии масунияти бадан дар Ҳисор ва мутахассисони варзидаи соҳаи тиб мегузаронад.

*Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»*






## Тасҳеҳ

Дар рӯзномаи «Садои мардум» (№41 (2868) аз 10 апрели соли 2012) рақамҳои ДИО (Даъватномаи иштироки озмун) таҳти № 973/3-177, 974/3-178, 975/3-179, 962/3-175, 977/3-181, 976/3-180, 963/3-176 мувофиқан № 973/3-431, 974/3-432, 975/3-433, 962/3-429, 977/3-444, 976/3-434, 963/3-430 хонда шаванд.

## Эътибор надорад

➘ Дафтарчаи донишҷӯйии гумшудаи №10148-02, ки онро Донишгоҳи славянии Россияю Тоҷикистон соли 2010 ба Қаюмов Азиз додааст, эътибор надорад.

➘ Номаи камоли гумшудаи силсилаи А №258220, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №139, ба номи Абӯалӣ ибни Синои шаҳри Кофарниҳон (ҳоло шаҳри Ваҳдат) соли 1995 ба Асложнов Нарзулло Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

➘ Сертификати истифодаи замини гумшудаи №А,011456, ки онро Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Абдуллобеков, ҳавлии берақам ба Юсупов Сайғафор Акрамович додааст, эътибор надорад.

➘ Билети донишҷӯйии гумшудаи силсилаи Д№07158, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур соли 2007 ба Исмоилов Далер Рустамович додааст, эътибор надорад.

➘ Ҳисобнома- фактура аз рӯйи ААИ ва аксизҳои гумшудаи силсилаи ВВ №168161, 168166 ва 168168, ки онро Нозироти андози ноҳияи Мӯъминобод соли 2011 ба ҶДММ «Нур-бахт» додааст, эътибор надорад.

➘ Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи № 1993/27, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ соли 1993 ба Эров Мастибек Музайямович додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

Шаҳрванд Филлоева Ватангул Насулохонова, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0015002 бо РМА 095134114 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 8 октябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.


Садои мардум
Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ
«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852
ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов
Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.
НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru
Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз
Ба чопаш 11 апрели соли 2012, соати 18.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26794 нусха
Навбатдори шумора А. Муродов
Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова